30 YEARS TOGETHER
СОЛ БО ҲАМ

Маблағгузорӣ аз тарафи:

Schweizerische Eidgenossenschaft
Confédération suisse
Confederazione Svizzera
Confederaziun svizra

Swiss Confederation
Конфедератсияи Швейтсария

HELVETAS
TAJIKISTAN

UNDP

# ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ



Душанбе - 2022

# НАҚША

1. Ҳуқуқи молу мулкии зану шавҳар;
2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидон ва фарзандон;
3. Ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ;
4. Ӯҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои оила.



# •ҲУҚУҚИ МОЛУ МУЛКИИ ЗАНУ ШАВҲАР КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Моддаи 33

Давлат оиларо ҳамчун асоси ҷамъият ҳимоя мекунад.

Ҳар кас ҳуқуқи ташкили оила дорад. Мардон ва занон, ки ба синни никоҳ расидаанд, ҳуқуқ доранд озодона ақди никоҳ банданд. Дар оиладорӣ ва бекор кардани ақди никоҳ зану шавҳар баробарҳуқуқанд.

Бисёрникоҳӣ манъ аст.



Модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд.

Падару модар барои таълиму тарбияи фарзандон ва фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Давлат барои ҳифзи кӯдакони ятим, маъюб ва таълиму тарбияи онҳо ғамхорӣ менамояд.

## Моликияти якҷояи зану шавҳар

## Ҳуқуқи моликияти зану шавҳар ба молу мулки умумии онҳо бо қонунгузорӣ дар бораи никоҳ ва оила муқаррар карда мешавад.

### Моликияти ҳар кадоме аз зану шавҳар

Амволе, ки ба зану шавҳар то ақди никоҳ тааллуқ дошт, инчунин амволе, ки дар давраи заношўӣ, зан ё шавҳар ҳамчун ҳадя ё мерос гирифтааст, моликияти шахсии ҳар кадоми онҳо мебошад. Ашъёи истифодаи шахсӣ (либос, пойафзол ва ғ.) ба истиснои ҷавоҳирот ва асбоби дигари зебу зинат, гарчанде дар давраи заношўӣ аз ҳисоби маблағҳои умумии зану шавҳар ба даст оварда шудаанд, моликияти шахсии ҳар кадоме аз зану шавҳар ба ҳисоб меравaнд.

Суд метавонад амволеро, ки ҳар кадоме аз зану шавҳар ҳангоми ҷудо зиндагӣ карданашон ҷамъ овардаанд, дар сурати воқеан қатъ гардидани никоҳ моликияти ҳар кадоме онҳо эътироф намояд.

Дар зиндагии оилавии зану шавҳар ҳолатҳое рўй медиҳанд, ки зану шавҳар муносибатҳои никоҳиро амалан бас карда, сипас соҳиби молу мулк мешаванд.



Мисол, соли 1983 ба суди ноҳияи Марказӣ Саидова З. бо даъво дар бораи тақсими автомашина, ҳавлӣ ва асбобу анҷоми рӯзгор ба Саидов Д. мурочиат намуд. Ҳангоми баррасӣ маълум гашт, ки аз соли 1980 то соли 1981 онҳо бо ҳам зиндагии якҷоя намекунанд, гарчанде, ки никоҳашон расман бекор карда нашуда, дар қайди никоҳанд. Соли 1981 Саидов Д. баъди аз хонааш рафтани занаш ва қатъ кардани зиндагонии амалии занушўиашон ба хорича ба кор рафта, то соли 1983 кор карда, ин молу мулкро дар он чо харидааст. Баъди баргаштан Саидов Д. дигар бо занаш зиндагонии оилавӣ кардан нахост. Санаи 23.05.1983 суд хона ва автомашинаро моликияти якҷояи умумии оила ҳисоб карда, баъди ин ба таҷрибаи судӣ доир омад ва дар қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.12.1987 «Дар бораи амалияи аз ҷониби додгоҳҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромадани корҳо оиди бекор кардани никоҳ» навишта шуд: «Молу мулке, ки баъди амалан бас кардани муносибатҳои никоҳи зану шавҳар ба даромади шахсии худ харидаанд, моликияти шахсии онҳо мебошад».



Молу мулки ба ҳар як ҳамсар тааллуқдоштаро метавон моликияти муштараки онҳо донист, агар муқаррар гардад, ки дар давоми заношўи аз ҳисоби молу мулки умумии зану шавҳар ё молу мулки шахсии зан ё шавҳар ва ё меҳнати ў саҳме гузошта шудааст (таъмири асосӣ, азнавсозӣ, азнавҷиҳозони ва ғайра), ки дар натиҷаи он арзиши молу мулки ба ҳар кадоме аз зану шавҳар тааллуқдошта хеле афзудааст, агар дар аҳдномаи байни онҳо тартиби дигаре пешбини нашуда бошад (моддаи 37 КО ҶТ).

Тақсими амволе, ки моликияти муштараки зану шавҳар мебошад, чӣ дар давоми заношўӣ ва чи баъди талоқ, бо талаби ҳар кадоме азонҳо, инчунин дар ҳолати аз ҷониби қарздиҳанда талаб кардани тақсими моликияти умумии зану шавҳар барои ситонидани маблағи қарз аз саҳми зан ё шавҳар дар моликияти умумӣ сурат гирифта метавонад. Дар сурати тақсими амволи умумии зану шавҳар дар давраи заношўӣ он қисми амволи умумие, ки тақсим нашуда буд, инчунин амволе, ки зану шавҳар дар давраи никоҳ ҷамъ кардаанд, моликияти умумии онҳоро ташкил медиҳад. Амволи умумии зану шавҳар метавонад бо созишномаи зану шавҳар дар байни онҳо тақсим карда шавад. Дар ҳолати ба миён омадани баҳс вобаста ба тақсими амволи муштараки зану шавҳар, инчунин муайян намудани саҳми зану шавҳар дар ин амвол он бо тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

Зану шавҳар ҳуқуқ доранд, ки тақсими пасандоз, саҳмия, ҳисса ва саҳми дар
сармояи муассисаи қарздиҳӣ ё ташкилотҳои дигари тиҷоратӣ ва ғайри тиҷоратӣ ба номи яке аз онҳо гузоштаашонро талаб намоянд, агар ин пардохтҳо моликияти муштараки онҳо бошанд.



Аз рӯи ӯҳдадориҳои яке аз ҳамсарон маблағ танҳо аз амволи ё зан ё шавҳар ситонида мешавад. Дар сурати нокифоя будани ин амвол кредитор ҳақ дорад ҷиҳати ситонидани қарз ҷудо кардани ҳиссаи зан ё шавҳари қаздорро аз амволи умумии онҳо талаб кунад. Ситонидани маблағ аз амволи умумии зану шавҳар аз рӯи ӯҳдадориҳои умумии зану шавҳар, инчунин он аз рӯи ӯҳдадориҳои яке аз онҳо сурат мегирад, агар суд муқаррар намояд, ки ҳамаи чизҳои мувофиқи ӯҳдадорӣ гирифтан зан ё шавҳар барои эҳтиёҷоти оила масраф шудаанд.

Агар бо ҳукми суд муқаррар гардад, ки амволи моликияти муштараки зану шавҳар буда аз маблағи бо роҳи ҷиноят ба даст овардаи зан ё шавҳар харида шудааст ё афзун гардидааст, маблағ мутаносибан аз амволи умумии зану шавҳар ё аз як қисми он ситонида мешавад.

Барои зарари ноболиғи то 15-сола расонидагӣ падару модарон ва васиҳои онҳо гунаҳгоранд, агар исбот накунанд, ки барои рӯй надодани зарар айбдор нестанд. Инчунин ин меъёр ба зарари ноболиғи аз 15 то 18-сола расонида татбиқ мешавад, агар ин шахсон (ноболиғон барои) додани товони зарар молу мулк ё музди кори кифоя надошта бошанд.





Мувофиқи моддаи 34-и Кодекси оилаи ҶТ «Амволе, ки зану шавҳар дар давраи заношӯӣ ҷамъ кардаанд, моликияти муштараки онҳо мебошад».

Мувофиқи ҳуқуқи граждан̄ӣ (М.92-и КГ) ҳуқуқ ба моликият чунин маъно дорад, ки соҳибмулк ҳақ дорад дар ҳадҳои бо қонун муқаррар карда шуда:

а) молу мулк дошта бошад; б) аз он истифода барад; б) онро ихтиёрдорӣ намояд.

Зану шавҳар дар ихтиёрдорӣ, истифодабарӣ, молу мулкдорӣ баробарҳуқуқуанд. М.34-и Кодекси оила: ҳуқуқ ба амволи муштарак ҳамчунин ба зан ё шавҳаре низ тааллуқ дорад, ки дар давоми зану шӯӣ хочагиро пеш мебурд, фарзандонро нигоҳубин мекард ё бо сабабҳои узрнок даромади мустақилона надошт, мисол: бо сабаби касалӣ, дар хондану сафи артиш будан ва ғ. Шарти ҳатмии ба вучуд омадани моликияти умумии якҷояи зану шавҳар – ин инкоҳи аз қайди давлатӣ гузашта ва иштирок дар меҳнати якчояи ҳамсарон ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маънидоди Пленуми Суди Олии Чумҳурии Точикистон аз 18.12.1987 «Дар бораи амалиёти дида баромадани корҳои талоқ аз чониби судҳо», «Ба таркиби моликияти умумии ҳамсарон молу мулки дар давраи ҷамсарӣ чамъ кардаи онҳо ё молу мулке, ки дар ихтиёри шахсони сеюм буда дохил мешавад». М.35-и Кодекси оилаи ҶТ: Ҳуқуқи соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ кардани моликияти муштараки зану шавҳар.





Мисол, бо қарори суди ноҳияи Файзобод Эшонов ва Шоева аз ҳам ҷудо шудаанд. Эшонов ва Шоеваро талоқ дода, молу мулкиашонро тақсим кардаанд ва говашонро ба Шоева додаст. Бо аризаи Эшонов ин ҳалномаи суд бекор карда шуда, корро аз нав дигар суд дида ин говро моликияти умумии онҳо ҳисоб карда, аризаашро баробар ба онҳо додааст гарчанде, ки дар вақти оиладоршариашон ин гов гусола буду онро ба Эшонов хешаш ҳадя карда буд. Аммо онро ин ду нафар дар давоми оиладоришаон калон кардаанд.

Моликияти умумии якҷояи зану шавҳар мухталиф мебошад. Ба он:
- мукофотҳои пулию молӣ;
- музди кории ҳамсарон;
- нафақа, мукофотпулӣ барои кашфиёт, ихтироот ва таклифҳои навоварӣ;
- ҳаққи қалам барои асарҳои эчодӣ;
- хона, бӯстонсаро;
- воситаҳои нақлиёт;
- ашъёҳои маишӣ, қоғазҳои қимматнок;
- пасандозҳо, саҳмияҳо, билетҳои лотереия ва ғ. дохил мешаванд.

Агар байни ҳамсарон ақди никоҳи дар мақомоти САҲШ сабт гардида набошад,оё ин гунна даъво барои тақсими молу мулки оилавӣ аз тарафи додгоҳ дида мешавад?



HELVETAS TAJIKISTAN

Ҷавоб: Ҳа дида мешавад. Мувофиқи моддаи 116 Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон молу мулк мумкин аст мувофиқи ҳуқуқи моликияти умумӣ ба ду ё якчанд нафар шаҳрвандон тааллуқ дошта бошад. Дар ин ҳолат соҳибӣ намудан, исти-фода бурдан ва ихтиёрдорӣ кардан ба моликияти умумии ҳиссагӣ бо розигии ҳамаи иштирокчиёни он ба ҷо оварда мешавад. Дар мавриди набудани розигӣ тартиби соҳи-бӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ аз рӯи даъвои ҳар кадоме аз иштироккунандагон–ҳиссадорон аз тарафи суд муайян карда мешавад. Ҳар як иштирокчии моликияти умумии ҳиссагӣ ӯҳдадор аст, ки мувофиқи ҳиссаи худаш ба додани андозҳо ва пардохтҳо барои молу мулки умумӣ, инчунин барои адои хароҷоти вобаста ба идоракунӣ ва нигоҳдории ин молу мулк мешудагӣ иштирок намояд. Ҳар як иштирокчии моликияти умумии ҳиссагӣ ҳуқуқ дорад ба шахси дигар фақат моликияти ҳиссаи худро диҳад.

Моддаи 121-и Кодекси граждании ҶТ: Ҷудо карда гирифтани ҳисса аз моликияти умумии ҳиссагӣ: - гирифтани ҳиссаи худ ё додани арзиши пулии ҳисса. Агар розигӣ набошад суд ҳал мекунад.

Фарқияти асосии молу мулки якҷояи зану шавҳар ва моликияти умумии саҳмӣ чунин аст: - асоси пайдоиши моликияти умумии зану шавҳар никоҳ, иттифоқи ҳамсарон мебошад. Моликияти умумии саҳмӣ бошад бо роҳи аҳдҳои ҳуқуқи гражданӣ ба вучуд меояд.

Ҳар яке аз иштирокчиёни моликияти якчояи умумии зану шавҳар пешаки саҳмӣ худро намедонанд. Ин саҳм фақат дар вақти қатъ гаштани ҳаёти якчояи оилавӣ ё ба саҳми яке аз онҳо нигаронидани ситониш маълум карад мешавад. Иштирокчиёни моликияти саҳмӣ бошанд саҳмашонро дар моликияти умумӣ пешакӣ, дар вақти ташкил кардани кор-хона медонистанд, чунки аввал саҳмгузорӣ баъд корхона ташкил карда мешавад.



# 2. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои волидон ва фарзандон
## Асосҳои ба миён омадани ҳуқуқу ӯҳдадориҳои волидон ва фарзандон

Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои волидон ва фарзандон ба аслу насаби фарзандон, ки мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун тасдиқ шудааст, асос меёбанд.

Волидон нисбати фарзандонашон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои баробар доранд (ҳуқуқи волидон).

Ҳуқуқҳои волидон, ки дар Кодекси оила пешбини шудааст, ҳангоми ба синни 18 (синни балоғат) расидани кӯдакон, инчунин ҳангоми никоҳ бастани кӯдакони ноболиғ ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун дар мавриди аз ҷониби кӯдакон то ба синни балоғат расиданашон ба даст овардани қобилияти пурраи амал, қатъ мегардад.

Волидони ноболиғ ҳуқуқ доранд бо кӯдак мустақилона зиндагӣ кунанд ва дар тарбияи ӯ иштирок намоянд.

Волидони ноболиғ, ки никоҳ набастаанд, дар сурати таваллуд шудани кӯдак ҳақ доранд пас аз расидан ба синни 17 мустақилона ҳуқуқи падару модарии худро татбиқ намоянд. То ба синни 17 расидани волидони ноболиғ ба кӯдак васи таъин шуданаш мумкин аст, ки якҷоя бо волидони ноболиғ тарбияи кӯдакро анҷом медиҳад. Ихтилофе, ки байни васии кӯдак ва волидони ноболиғ ба миён меоянд, аз ҷониби мақоми васояту парастори ҳал карда мешаванд.






Волидон барои тарбия ва рушду камоли фарзандонашон масъулият дошта, вазифадоранд, ки дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандонашон ғамхорӣ намоянд.

Волидон дар тарбияи фарзандони худ нисбат ба ҳамаи шахсони дигар ҳуқуқи афзалиятнок доранд.

Волидон вазифадоранд, ки барои гирифтани таҳсилоти умумии асосӣ, ба фарзандонашон имконият фароҳам оваранд.

Волидон ҳуқуқ доранд, ки бо назардошти фикру хоҳиши фарзандонашон муассисаҳои таълимӣ ва шаклҳои таҳсили онҳоро то давраи аз ҷониби онҳо гирифтани маълумоти умумии асосӣ интихоб намоянд.

Падару модар дар таълиму тарбияи фарзандони худ дорои дигар ҳуқуқу ӯҳдадорӣ ва масъулияте мебошанд, ки қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд.

Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои волидон набояд бар хилофи манфиатҳои фарзандон татбиқ шаванд. Таъмини манфиатҳои фарзандон бояд мавзӯи асосии ғамхории волидон бошад.

Ҳангоми истифодаи ҳуқуқи волидон он набояд ба саломатии ҷисмонию рӯҳии кӯдак ва такомули маънавии ӯ зарар расонанд. Усулҳои тарбияи кӯдакон бояд ба муомилаи бераҳмона, дағалона ва пасткунандаи шаъни инсонии кӯдак ё суиистифода ва истисмори кӯдакро аз ҷониби волидон истисно кунанд.

Волидоне, ки ҳуқуқу ӯҳдадориҳои худро бар зарари ҳуқуқу манфиатҳои кӯдак татбиқ менамоянд, мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.



Кўдак ба ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии худ ҳуқуқ дорад. ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кўдакро волидон (шахсоне, ки онҳоро иваз мекунанд) ва дар ҳолатҳои пешбининамудаи Кодекси оила, мақомоти васояту парастори, прокурор ва суд ҳимоя мекунанд.

Кўдак ҳуқуқ дорад аз сўиистифодаи волидон (шахсони ивазкунандаи онҳо) ҳифз карда шавад.

ҳангоми вайрон кардани ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии кўдак, аз ҷумла иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро намудани ўҳдадориҳо аз ҷониби волидон (яке аз онҳо) оид ба тарбияю таълими кўдак ё суиистифода аз ҳуқуқҳои падару модари кўдак ҳуқуқ дорад ба мақоми васоят ва парастори ва пас аз расидан ба синни чордаҳсолаги ҷиҳати ҳимоя аз ҷониби онҳо ба суд муроҷиат кунад.

Кўдак мувофиқи тартиб ва андозаи муқаррарнамудаи Кодекси оила аз волидони худ ва аъзои дигари оила ба гирифтани таъминот ҳуқуқ дорад.

Кўдак ба даромади бадастоварда, молу мулки ҳадья ё меросгирифта ва ҳама гуна молу мулки дигаре, ки тибқи қонун ба ў тааллуқ дорад, дорои ҳуқуқи моликият мебошад.

ҳуқуқи кўдак барои ихтиёрдории молу мулки таҳти моликияташ қарордошта тибқи меъёрҳои дахлдори қонунгузории граждании ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

ории молу мулки умуми тибқи қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад



# Падару модар нисбат ба фарзандонашон ҳуқуқу ӯҳдадориҳои баробар доранд.

Ин ҳуқуқу ӯҳдадориҳои онҳо то:
а) синни 18-солагии фарзандон;
б) тамом кардани хониш дар мактабҳои миёнаю олӣ, хизмати аскарӣ;
в) дар тамоми давраи маъюбӣ ва мӯҳточи фарзанд;
г) ба никоҳ даромадани кӯдакони ноболиғи 17-сола давом мекунад.

М.62. Ҳуқуқи волидони ноболиғ ва болиғ:
а) бо кӯдак мустақилона зиндагонӣ кунанд ва дар тарбияи ӯ иштирок кунанд. Дар ин ҳолат то ба 18-солагӣ расидан волидон барои тарбияи кӯдак васӣ таъин кардан мумкин аст;
б) барои рушду камол саломатӣ, инкишофи ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, таълим, касбомӯзии фарзандон масъуланд;
в) ба фарзандон маълумоти умумии асосӣ диҳанд;
г) намояндагони қонунии фарзандоншон буда, ҳуқуқ, манфиатҳои онҳоро бе ваколатҳои махсус дар муносибат бо ҳамагуна шахсони воқеӣ, ҳуқуқӣ, дар суд, мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ҳимоя мекунанд.



# Маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ



Агар волидон:
а) агар ичрои ӯҳдадориҳои худ ва додани алимент бадқастона саркашӣ кунанд;
б) бесабабҳои узрнок кӯдакашоро аз таваллудхона, муассисаи тиббӣ, тарбиявӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва ғ. намегиранд ё бесоҳиб мепартоянд, бе нигоҳубин мемонанд;
в) аз ҳуқуқҳои падарию модарии худ сӯйистифода намоянд;
г) ба фарзандон муносибати бераҳмона кунанд;
д) ба фарзандон зӯроварии бераҳмонаи ҷисмонӣ, рӯҳӣ раво бинанд, ба дахлнопазирии ҷинсии онҳо сӯиқасд кунанд;
е) майзада ё нашъаманди ашаддӣ бошанд;
ё) ба зидди ҳаёт ва саломатии фарзандони худ ё саломатии ҳамсари худ қасдан ҷиноят содир карда бошанд.

Маҳрум кардан аз ҳуқуқи падарию модарӣ бо роҳи судӣ ба амал бароварда мешавад.

Киҳо, кадом мақомотҳо ҳуқуқ доранд оиди ин масъала ба суд мурочиат
намоянд (м.70. Кодекси оила):
а) яке аз волидон;
б) прокурор;
в) шахсони ивазкунандаи волидон;
г) мақомота васояту парасторӣ;
д) ятимхонаҳо, интернатҳо, табобатхонаҳо ва ғ.



# 3. Ҳуқуқи кӯдакони ноболиғ

## Ҳуқуқи кӯдак барои зиндаги ва тарбия дар оила

Кӯдак шахсе эътироф карда мешавад, ки ба синни ҳаждаҳсолаги (ба синни балоғат) нарасидааст.

Ҳар кӯдак ҳуқуқ дорад, ки дар оила зиндаги кунад ва тарбия гирад. Кӯдак ба ғамхории волидон, таъмини манфиатҳояш, рушду такомули ҳамаҷониба, эҳтироми шаъни инсонии худ ҳуқуқ дорад.

Дар сурати набудани волидон, аз ҳуқуқи волидон маҳрум кардани онҳо ва дар ҳолатҳои дигари аз даст додани васояти волидон, ҳуқуқи кӯдак барои тарбия дар оила мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи боби 18 ҳамин Кодекс аз ҷониби мақомоти васояту парастори таъмин карда мешавад.

## Ҳуқуқи кӯдак барои муошират бо волидон ва дигар хешу ақрабо

Кӯдак ҳуқуқи муоширатро бо падару модар, бобо, биби (модаркалон), бародарону хоҳарон ва дигар хешу ақрабо дорад. Бекор кардани ақди никоҳ аз ҷониби волидон, беэътибор донистани он ё зиндагии ҷудогонаи падару модар ба ҳуқуқи кӯдак таъсир намерасонад.

Дар сурати ҷудо зиндаги кардани волидон кӯдак ҳуқуқ дорад, ки бо ҳар кадоми онҳо муошират кунад. Кӯдак инчунин ҳуқуқ дорад дар сурати дар давлатҳои мухталиф зиндаги кардани волидон ва баъди бекор кардани ақди никоҳ низ бо онҳо муошират кунад.

Фарзанде, ки дар ҳолати фавқулодда қарор дорад (ҳангоми дастгир кардан, ба ҳабс гирифтан, дар маҳбас нигоҳ доштан, дар муассисаи тибби будан ва ғайра) мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонун барои муошират бо волидон ва дигар хешу ақрабои худ ҳуқуқ дорад.

# Ҳуқуқҳои кӯдакон:

1- Ҳуқуқ ба зиндагӣ
2- Ҳуқуқ ба шахсият
3- Ҳуқуқи будубош дар назди волидайни онҳо
4- Ҳуқуқ барои ташаккули нуқтаи назари худва онҳоро баён кунед
5- Ҳуқуқ ба озодии баён
6- Ҳуқуқ ба озодии фикр, вичдон ва дин
7- Ҳуқуқи кӯдак ба озодии иттиҳодияҳо ва озодии чамъомадҳо
8- Ҳуқуқ ба махфияти шумо
9- Ҳуқуқ ба дастрасӣ ба иттилоот
10- Ҳуқуқ ба тарбияи волидайн ё шахсони васии қонунӣ
11- Ҳуқуқ ба таҳсил
12- Ҳуқуқ ба саломатӣ
13- Ҳуқуқ ба истироҳат, фароғат ва бозӣ
14- Ҳуқуқ ба муҳофизат
15- Ҳуқуқ ба манфиати суғуртаи ичтимоӣ
16- Ҳуқуқ ба сатҳи муносиби зиндагӣ
17- Ҳуқуқ ба кӯмаки башардӯстона
18- Ҳуқуқ ба пиндошти бегуноҳӣ
19- Ҳуқуқҳои кӯдакон дар байни низоъҳои мусаллаҳона



# 4. Ӯҳдадориҳои алиментдиҳии аъзои оила

Волидон вазифадоранд, ки фарзандони ноболиғи худро таъмин намоянд. Тартибу шаклҳои таъминоти фарзандонро волидон мустақилона муайян менамоянд.

Волидон ҳуқуқ доранд дар мавриди таъминоти фарзандони ноболиғи худ созишнома (созишнома дар хусуси пардохти алимент) мувофиқи боби 16 ҳамин Кодекс) банданд.

Агар волидон фарзандони худро таъмин накунанд, маблағ барои таъминоти онҳо (алимент) аз волидон тибқи тартиби муқаррарнамудаи суди ситонида мешавад.

Ҳангоми набудани созишномаи волидон дар мавриди пардохти алимент, ҳангоми таъмин накардани фарзандони ноболиғ ва ҳангоми ба суд пешниҳод накардани даъво мақоми васоят ва парастори ҳақ дорад нисбат ба волидон (яке аз онҳо) дар хусуси ситонидани алимент барои фарзандони ноболиғ даъво пешниҳод кунад.

## Андозаи алименте, ки барои кӯдакони ноболиҷ тибsи тартиби суди ситонида мешавад

Ҳангоми мавҷуд набудани созишнома дар хусуси пардохти алимент барои фарзандони ноболиғ суд аз волидони онҳо ҳар моҳ ба андозаи зерин алимент мерӯёнанд барои як фарзанд чорьяк, барои ду фарзанд сеяк, барои се фарзанд ва зиёда аз он - нисфи музди меҳнат ва даромади дигари волидон.

Ҳаҷми ин саҳм бо назардошти вазъи модди ва оилавии тарафҳо ва дигар ҳолатҳои қобили таваҷҷӯҳ аз ҷониби суд кам ё зиёд карда шуданаш мумкин аст.





## Навъҳои музди меҳнат ва дигар даромаде, ки аз онҳо барои кӯдакони ноболиғ алимент ситонида мешавад

**Навъи музди меҳнат ва (ё) дигар даромаде, ки волидон бо асъори миллӣ ва (ё) асъори хориҷӣ мегиранд ва аз онҳо барои таъминоти кӯдакони ноболиғ тибқи моддаи 81 КОҶТ бояд алимент ситонида шавад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.**

## Ба маблағи устувор ситонидани алимент барои кӯдакони ноболиғ

**Ҳангоми набудани созишномаи волидон дар хусуси пардохти алимент ба кӯдакони ноболиғ ва дар ҳолате, ки агар падар ё модари алиментдиҳанда музди кор ва ё даромади дигари номунтазам ё тағйирёбанда дошта бошад, ё агар ин падар ё модар музди меҳнату даромади дигарро пурра ё қисман дар шакли асл (натура) ё асъори хориҷӣ гирад, инчунин ҳангоми нагирифтани музди меҳнат ва (ё) даромади дигар, инчунин дар ҳолатҳои дигаре, ки ситонидани алимент вобаста аз ҳиссаи музди меҳнат ва даромади дигари падар ё модар имконнопазир, мушкил ё манфиати яке аз тарафҳоро моҳиятан халалдор созад, суд метавонад андозаи алименти ҳармоҳа ситонидашавандаро ба маблағи устувор ва ё ҳамзамон дар шакли ҳисса ва бо маблағи устувор муайян намояд**

# Ситонидан ва истифодаи алимент барои кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд

Барои кӯдаконе, ки бе парастории волидон мондаанд, алимент мутобиқи моддаҳои 81-83 КОҶТ ситонида шуда, ба васии (парастори) кӯдак пардохта мешавад.

Алименте, ки аз волидон барои кӯдакони бе парастории волидон монда ва дар муассисаҳои дахлдори тарбияви, табобати, ҳифзи иҷтимоии аҳоли ва муассисаҳои дигари ба ин монанд қарордошта ситонида мешавад, ба ҳисобномаҳои ин муассисаҳо гузаронида шуда, дар онҳо вобаста ба ҳар кӯдак алоҳида ба ҳисоб гирифта мешавад.

Муассисаҳои мазкур метавонанд ин маблағро ба бонкҳо ва муассисаҳои дигари кредити гузаронанд. Панҷоҳ фоизи даромаде, ки аз муомилоти маблағи воридгардидаи алимент ба даст меояд, барои таъминоти кӯдакон дар ин муассисаҳо истифода мешавад. ҳангоми муассисаи мазкурро тарк кардани кӯдак, маблағи алименти барои ӯ гирифташуда ва панҷоҳ фоизи даромад аз муомилоти он дар шӯъбаи бонки амонатгузории ҷумҳурии Тоҷикистон ба суратҳисоби шахсии кӯдак гузаронида мешавад.

## Фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнат ба алимент

Волидон вазифадоранд, ки фарзандони болиғи ғайри қобили меҳнати ба кӯмак эҳтиёҷманди худро таъмин намоянд.

Дар сурати мавҷуд набудани созишномаи пардохти алимент суд ҳаҷми алиментро, ки барои кӯдакони болиғи ғайри қобили меҳнат ҳар моҳ бо пули устувор ситонида мешаванд, бо назардошти вазъи моддию оилави ва дигар манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо муайян менамояд.

# Ӯҳдадории фарзандони болиғ барои нигоҳубини волидон

Фарзандони болиғи қобили меҳнат ӯҳдадоранд, ки волидони ғайри қобили меҳнати ба кӯмак мӯҳтоҷи худро нигоҳубин намоянд ва нисбат ба онҳо ғамхор бошанд.

Дар сурати набудани созишномаи пардохти алимент барои волидони ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷ, аз фарзандони болиғи қобили меҳнат барои онҳо ба тартиби суди алимент ситонида мешавад.

Андозаи алименте, ки ҳар моҳ аз ҳар фарзанд ба тартиби суди ситонида мешавад, аз тарафи суд бо назардошти вазъи модди ва оилавии волидону фарзандон ва манфиатҳои қобили таваҷҷӯҳи тарафҳо бо маблағи устувор муайян карда мешавад.

Бо талаби ҷавобгар суд ҳангоми муайян намудани андозаи алимент ҳамаи фарзандони болиғи қобили меҳнати падар ё модари мазкурро, сарфи назар аз он, ки талабот нисбати ҳамаи фарзандон ё танҳо ба як нафар ё якчанд нафари онҳо пешниҳод гардидааст, бояд баҳисоб гирад.

Фарзандон аз ӯҳдадориҳои таъмини волидони ғайри қобили меҳнати мӯҳтоҷи худ озод буда метавонанд, агар суд муқаррар созад, ки волидон аз иҷрои вазифаҳои падарию модарии худ саркаши мекарданд.

Фарзандон аз пардохти алимент ба волидоне, ки аз ҳуқуқи падару модари маҳрум гардидаанд, озод карда мешаванд.



# Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои васӣ ва парастори кӯдаки ноболиғ

Васӣ ва парастори кӯдаки ноболиғ ҳуқуқ доранд ва ӯҳдадор ҳастанд, ки шахси ба парасторӣ гирифтаашонро тарбия кунанд, дар бораи саломатӣ, такомули ҷисмонӣ, рӯҳӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ, таҳсил ва касбомӯзии ӯ ғамхорӣ зоҳир намоянд.

Васиёну парасторон метавонанд бо назардошти фикру хоҳиши кӯдакон ва тавсияи мақомоти васояту парасторӣ, инчунин ҳангоми риояи талаботи пешбининамудаи қисми якуми моддаи 65 ҳамин Кодекс тарбияи кӯдаконро, ки таҳти васояти (парастории) онҳо қарор доранд, мустақилона муайян намоянд.

Васӣ ва парастор бо назардошти фикру хоҳиши кӯдаки таҳти васояташон қарордошта ҳуқуқ доранд муассисаи таълимӣ ва шакли таълимро барои гирифтани таҳсилоти асосии умумӣ мустақилона интихоб намоянд.

Васӣ ва парастор ҳуқуқ доранд ба воситаи суд аз ҳар гуна шахсоне, ки бе асоси қонунӣ кӯдакро дар назди худ нигоҳ медоранд, аз ҷумла аз хешовандони наздики кӯдак баргардонидани кӯдаки дар таҳти васояташон (парасториашон) бударо талаб намоянд.

Васӣ ва парастор ҳуқуқ надоранд, ки барои муоширати кӯдаки таҳти васояташон (парасториашон) қарордошта бо падару модару хешовандони дигараш, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин муошират ба манфиати кӯдак нест, монеъ шаванд.



HELVETAS
TAJIKISTAN



# ТАШАККУР!!!